Тақризи
муқарризи расмӣ Самиев Бобо Ҷӯраевич ба рисолаи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи **“Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа

Илм - фаъолияти эҷодии инсон аст, ки ҳадаф ва мазмуни он маърифати олам ҳамчун низоми ягона дар асоси муҳокимаҳои мантиқӣ ва таҷрибаҳо мебошад. Дар тамаддуни муосир илм нақши муассир дорад. Пешравиҳои технологии асри XX, ки рушди кишварҳои Ғарбу Шаркро такон доданд, бар истифодаи дастовардҳои илмӣ асос мегиранд. Илм на танҳо соҳаи истеҳсолотро муайян мекунад, балки ба соҳаҳои зиёди фаъолияти инсон тавассути усулу воситаҳои гуногун таъсир мерасонад ва ҳамзамон дар ташаккулёбии шахсият низ муассир аст. Илм навъи махсуси дониши инсониро ба вуҷуд меоварад.

Илм ҳамчун низоми ягона, дар шаклҳои гуногуни таълимӣ дар худ равияҳои зиёдро дорост, ки боз ба шохаҳои бисёри фанҳои илмӣ тақсим мешавад. Муайян сохтани таркиби илм ва ҷиҳатҳои он мушкилоти таснифи илмро пеш меорад, ки дар асоси кадом усул ва меъёр муносибати байни илм ва робитаи мантиқии онҳоро дар сатҳи муайян (таркиби қатъии он) метавон матраҳ кард. Аз ин мавқеъ аз давраи антиқа таснифи илмҳо яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи фалсафа ба ҳисоб мерафт, ки дар заминаи ташаккули мафҳумҳо, категорияҳо ва усулу равишҳо ҷанбаву ҷиҳатҳои илмӣ ташаккул ёфтааст. Ё худ таснифи илм вазифаи қонунии фалсафа шуморида мешуд. Зеро он кумак менамуд то зеҳн дар ҳавзаи як фан тамоюли зина ба зина ҳаракати рушдёфтаро фаро гирад. Бинобар ин, таҳқиқи мавзӯи таснифоти илм дар таълимоти машшоияи шарқӣ имрӯз аз масоили камомӯхта ва таҳқиқнашуда мебошад, ки зарурати пажӯҳиши масъалаи мазкурро ба миён гузошт.

Дар кори таҳқиқотии Ё.Ниёзӣ ба таври возеҳ заминаҳои пайдоиш ва такомули тадриҷии ин масъала дар асоси равишҳои нави илмӣ мавриди

таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст, ки аз муҳимияти дигари кори анҷомёфта далолат мекунад.

Таҳлил ва баррасии бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ нишон медиҳад, ки диссертант барои таҳия ва анҷом додани кори таҳқиқотӣ аз сарчашмаҳои асл, асарҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ фаровон истифода бурда, онҳоро мутолиа кардааст. Ин аз он далолат мекунад, ки муаллиф аз хатти классикӣ огоҳии комил дошта, доираи донишаш оид ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи пажӯҳишӣ такмилёфта мебошад.

**Навгонии илмии кори диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки диссертант зимни таҳқиқ асоснок менамояд, ки дар тафриқа аз мутафаккирони гузашта, намояндагони машшоиёни шарқӣ бори нахуст рисолаҳои мустақиле, ба мисли “Тақсими улуми ақлӣ”ва китоби алоҳидае бо номи “Иҳсо ал-улум” ба риштаи таълиф кашиданд. Зимни таҳқиқи осори фарҳангии қадимаи тоҷик, ки омехтаи устура ва таърих аст, аввалин бор ташаккули мафҳумҳо ва таснифу табақабандии илмҳо аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ шуданд. Дар раванди таҳқиқи масъала муайян карда шудааст, ки бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд: яъне бо таъсири фарҳанги юнонию исломӣ мактаби машшоияи шарқӣ ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард. Дар таснифоти илмҳои мактаби машшоиёни шарқӣ бартарияти бештар ба улуми ақлӣ дода мешуд, на ба улуми наклию каломӣ. Ҳамзамон пажӯҳиш нишон медиҳад, ки бори аввал мақоми таснифоти илмҳои фалсафаи машшоия дар таснифоти муосири илм нишон дода шудааст.

Диссертант, зимни таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмиро мавриди истифода қарор дода, хулосаву тавсияҳои боэътимод пешниҳод менамояд. Аз ин мавқеъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои баррасии масъалаҳои назарии осори илмии мутафаккирони тоҷик, таълифи асарҳои илмию фалсафӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, фалсафаи илм, методологияи тадқиқоти илмӣ ва ғайра

аз аҳаммият холӣ намебошанд. Бавижа, хулосаю тавсияҳои диссертант ҷиҳати шинохт ва муайян кардани мақоми воқеии мактаби машшоияи шарқӣ дар таснифоти илмҳо ҷойгоҳи хосса доранд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса оид ба натиҷаҳои асосӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо иборат аст.

Дар **муқаддима** муҳим ва тақозои талаботи муосири илм будани таҳқиқи мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаҳои баррасигардида таҳлил шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он муайян гардидааст. Илова бар ин, асосҳои назариявӣ ва методологӣ нишон дода шуда, натиҷаҳои ба дастовардаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин навгониҳои илмии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшуда, баён карда шудаанд.

Боби якуми рисола - **"Сарчашмаҳои ғоявӣ ва назариявии таснифи илм дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик"** - ном дошта, дар он асосҳои методологии назарияи таснифи илмҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ асоснок карда шуда; сарчашмаҳои назариявии таснифоти илм дар таълимоти фалсафии асрҳои миёна мушаххас гардидаанд. Ҳамзамон диссертант таваҷҷуҳи хосса ба ташаккули заминаҳои назариявии таснифоти илмҳо дар фалсафаи қадим ва асрҳои миёнаи тоҷик дода, онҳоро мушаххас мегардонад.

Боби дуюми рисола - **"Назарияи таснифоти илм дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино"-** унвон дошта, дар он масъалаҳои зерин: асосҳои методологии таҳлили назарияи таснифоти илм дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино; тартиб ва вазифаҳои илмҳои назарӣ ва амалӣ дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино ва таркиби илмҳои назарӣ: а) физика; б) математика; в) мобаъд-ут-табиа ва таркиби илмҳои амалӣ: а) ахлоқ; б) оиладорӣ; в) шаҳрдорӣ мавриди омӯзишу баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм - **“Аҳамияти илмӣ ва методологии таснифоти илм дар ташаккули минбаъдаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик”** - масъалаҳои матраҳшавандаро муносибати Абуҳомид Ғаззолӣ ба назарияи таснифи илмҳо; таъсири назарияи таснифоти илмии машшоияи шарқӣ ба рушди назарияи таснифоти илм дар таърихи фалсафаи тоҷик ва таснифоти илм ҳамчун омили асосии навгониҳои илмӣ дар фалсафаи асримиёнаи тоҷик дар бар мегиранд.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия мазмуну муҳтавои он ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқгардида назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст.

Автореферат ва маводи интишории муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ ифода намудааст.

Дар баробари натиҷаҳои боэътимод ва дастовардҳои арзишманд ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳои зер барои аз ҷиҳати илмию назариявӣ мукаммал гардидани диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар қисмати ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот диссертант мақсад ва ҳадафро синоними ҳамдигар намеҳисобад. Зери мафҳуми “ҳадафҳо” вазифаҳои мавриди иҷро қароргирандаро дар назар дорад. Бинобар ин, ҳадафи таҳқиқот дақиқ нишон дода нашуда, бо вазифаҳо, ки 11 бандро ташкил медиҳанд, омехта гаштааст.

2. Вазифаҳои таҳқиқот бояд дар асоси талаботи боб ва зербобҳои рисола низомнок мушаххас карда шаванд. Муқоисаи номи боб ва зербобҳои рисола бо вазифаҳои пешгузошта нишон медиҳанд, ки пайдарпайии мантиқӣ риоя нагаштааст (Таваҷҷуҳ дода шавад ба муқоисаи мундариҷаи кор бо 11 банди вазифаҳои таҳқиқот).

3. Дар зербоби 1.3. - и боби якум диссертант қайд мекунад, ки дар баробари илмҳои ҷомеашиносӣ, тиб, муҳандисӣ дар давраи бостонии

тоҷик илмҳои риёзӣ, ҳунари навиштани арқом, кишоварзӣ, истихроҷ ва истеъмоли филиз, улуми нуҷум ва ғайра рушд карда буданд. Аммо аз зербоби мазкур ба таври зарурӣ оид ба сатҳи рушди ин илмҳо маълумот ба даст овардан ногузир аст.

4. Дар саҳифаи 250-и зербоби 3.2. диссертант менависад, ки баъд аз накду маҳдудияти Муҳаммад Ғаззолӣ аз улуми фалсафӣ дар доираи илмҳои динӣ Насириддини Тусӣ нафаре буд, ки таснифи илмҳоро он тарзе ки машшоиёни шарқӣ, махсусан Арасту, Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино табақабандӣ карда буданд, идома дод. Инҷо зикри андешаи диссертант қобили қабул нест. Зеро Арасту ба қатори машшоиёни шарқӣ шомил намебошад.

5. Диссертатсия аз хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ.: 12, 14, 16, 18, 19, 23, 30, 32, 36, 38, 41, 42, 43, 49, 62 ва ғайра), такрори андешаҳо, дар поварақ нишон надодани сарчашмаи истифодашуда орӣ нест.

Ниҳоят, эроду пешниҳодҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва характери тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи **“Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо”** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Самиев Б.Ҷ.
Тел: 918670143
Email: samiev.veshab@mail.ru

Тасдиқ мекунад:
Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Б.Ҷ.Самиевро
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Д.Назаров